ИНСТИТУТИ «ҶАМЪИЯТИ КУШОДА»
БУНЁДИ МАДАД - ТОҶИКИСТОН

# Методологияи таҳия ва ҷойгиркунии буҷети шаҳрвандии Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Абдураҳмон Наҷмиддинзода**

Душанбе - 2020

## МУҚАДИМА:

- Сохтор ва таркиби буҷети шаҳрвандӣ;
- Буҷети шаҳрвандӣ дар сатҳи маълумотҳои ҷамъбастии Буҷети давлатӣ;
- Буҷети шаҳрвандӣ дар сатҳи буҷети ҷумҳуриявӣ;
- Буҷети шаҳрвандӣ дар сатҳи буҷетҳои маҳаллӣ;
- Буҷетикунонии гендерӣ;
- Тартиби таҳия ва нашри буҷети шаҳрвандӣ;
- Ташкили мониторинг ва таҷрибаҳои пешрафтаи паҳн намудани буҷети шаҳрвандӣ.

# Мухтавои асосии Бучети шаҳрвандӣ

- **Бучети шаҳрвандӣ** - ҳуҷҷатест, ки аз ҷониби мақоми ваколатдори давлатии сатҳи дахлдор (ҷумҳуриявӣ ё маҳаллӣ) бо мақсади пешниҳоди маълумоти мухтасар ва дақиқ дар бораи ташаккул, тақсимот ва истифодабарии маблағҳои буҷетӣ барои давраи муайяни соли молиявӣ таҳия карда мешавад.

- **Буҷети шаҳрвандӣ**, пеш аз ҳама бо максади баланд бардоштани шаффофияти ҷараёни буҷетӣ ва дастрасии маълумоти асосии буҷетӣ тавассути шинос намудани шаҳрвандон ба самтҳои асосии Буҷети давлатӣ равона гардидааст. Шаҳрвандон бо вазифаҳо ва самтҳои афзалиятноки сиёсати буҷетӣ, манбаъҳои даромад ва хароҷоти буҷет, инчунин бо натиҷаҳои банақшагирифташуда ва ба даст овардашуда мусоидат менамояд.

## Буљети шањрвандӣ аз ҷониби мақоми ваколатдори давлатии зерин таҳия ва тасдиқ карда мешавад:

**БУҶЕТИ ШАҲРВАНДӢ ДАР 2 - САТҲ ТАҲИЯ КАРДА МЕШАВАД:**

**Дар сатҳи ҷумҳуриявӣ** (аз ҷумла сатҳи маълумоти ҷамъбастии Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон) , ки дар таркиби он бучети чумхурияви дар алохидаги нишон дода мешавад - мақомоти ваколатдори марказӣ оид ба банақшагирӣ/тањияи буҷет, Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Дар сатҳи маҳаллӣ** - мақоми ваколатдори маҳаллӣ оид ба банақшагирӣ/таҳияи буҷет дар Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон ва шаҳру ноҳияҳои он, вилоятҳо, шаҳрҳо ва ноҳияҳои тобеи вилоят, шаҳри Душанбе ва ноҳияҳои он, шаҳрҳо ва ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ.

# Принсипҳои асосии буҷети шаҳрвандӣ:

1
- **эътимоднокӣ** - ин ба буҷети шахрвандї ворид намудани маълумоти расмиро дар бораи нишондиҳандаҳои асосии рушди иҷтимоию иқтисодӣ, инчунин маълумот дар бораи самтҳои афзалиятноки сиёсати буҷет, сарчашмаҳои даромад ва хароҷот, натиҷаҳои банақшагирифташуда ва ба даст овардашудаи маблағҳои буҷетӣ дар назар дошта мешавад.

2
- **ошкорбаёнӣ** - дастрасии шањрвандон ба маълумоти буҷет, ба истиснои маълумоти махфӣ, ки сирри давлатӣ мебошад ва инчунин дастрас будани ҳатмии ҷараёни буҷет ба тамоми шаҳрвандон ва васоити ахбори омма мебошад.

3
- **кифоягӣ** - маънои онро дорад, ки буҷети шаҳрвандӣ бояд маълумоти пурраро барои ташаккули фаҳмиши шаҳрвандон дар бораи буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дошта бошад, ки зарурияти истифода намудани адабиёти иловагиро дар ин самт бартараф мекунад.

4
- **фаҳмо будан** - маънои дуруст дарк намудани истилоҳҳои махсусро, аз ҷумла намунаҳои истифодаи амалиро дар бар мегирад.

5
- **аҳамиятнок** - маънои такмил додани маълумотњоеро дар буҷети шаҳрвандї дар назар дорад, ки онҳо бояд ба қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон бо дарназардошти тағйиротњо ва ислохотхо мувофиқат намояд.

6
- **саривақтӣ** - маънои таъмини саривақт нашр кардани буҷети шаҳрвандӣ дар сомонаи расмии мақомоти ваколатдор оид ба таҳияи буҷети шаҳрвандї, инчунин дар васоити ахбори омма ҷойгир кардани буҷети шаҳрвандӣ мебошад.

# БУЪЕТИ ШАҲРВАНДӢ ДАР САТҲИ МАЪЛУМОТҲОИ ҶАМБАСТИИ БУҲЕТИ ДАВЛАТӢ

*(барои бозҳам фаҳмо пешниҳод намудани маълумоти зерин истифодаи воситаҳои гуногуни визуализатсияи маълумот тавсия дода мешавад)*

## Буҷети шаҳрвандӣ дар сатҳи Буҷети давлатӣ бо назардошти ФАСЛҲОИ ЗЕРИН ТАҲИЯ карда мешавад

- **НИШОНДИҲАНДАҲОИ АСОСИИ МАКРОИҚТИСОДӢ ВА НИШОНДИЊАНДАҲОИ ИҶТИМОИЮ - ДЕМОГРАФИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**

- **САМТҲОИ АСОСИИ СИЁСАТИ БУҶЕТӢ бо дарназардошти - фосилаи фискалӢ**

  **ФФ = К + ҲУД – ББ – З;**

  Дар инљо ФФ – фосилаи фискалӣ, К – касри буҷет,
  **ҲУД** – Ҳаҷми умумии даромад, ББ – буҷети базавӣ,
  З – Захираҳо (Фонди захиравии Президенти ҶТ ва фонди пешбининашудаи Ҳукумати ҶТ).

- **ДАРОМАДҲОИ БУҶЕТИ ДАВЛАТӢ**

  *Дар ин ќисм, маълумот дар бораи даромадҳои банақшагирифтаи буҷети давлатӣ барои соли ҷорӣ ва ду соли минбаъдаи молиявӣ дар муқоиса бо солҳои гузашта пешбинї мегардад. Даромади умумии буҷети давлатӣ маълумотњо оид ба даромадҳои ҷорӣ, грантҳо барои дастгирии буҷет, қарзҳо ва маблаѓњои махсуси ташкилотҳои буҷетӣ инъикос карда мешавад.*

# ХАРОҶОТИ БУҶЕТИ ДАВЛАТӢ

Ҳангоми таҳлил ҳамаи хароҷоти буҷети давлатӣ ба **хароҷоти ҷорӣ** ва **капиталӣ** гурӯҳбандӣ карда мешаванд

Хароҷоти **капиталӣ (асосӢ)** бошанд, як қисми хароҷоти буҷет мебошанд, ки барои рушди иншоотҳои мавҷуда аз қабили азнавсозӣ, сохтмони иншооти нав, ба монанди роҳҳо, иншоотњои соњаи маориф ва тандурустӣ, қубурҳои газ, хоҷагии манзилӣ, биноҳои маъмурӣ ва хариди таҷҳизоту наклиётро дар бар мегирад.

**Ҳангоми тавсиф кардани хароҷоти ҷорӣ, бояд ба пешбинӣ гардидани маблағҳо ба аҳолӣ, масалан, ба пардохти нафақа ва кӯмакпулиҳо, стипендия ва ҷубронпулиҳое, ки бевосита барои қонеъ кардани табобати онҳо равона карда мешаванд, диққати махсус дод.**

# ТАҲЛИЛИ ХАРОҶОТИ БУҶЕТИ ДАВЛАТӢ




Ҳангоми таҳлили хароҷоти умумии буҷети давлатӣ ҳамаи манбаъҳои ташаккул, аз ҷумла маблағҳои буҷетӣ, маблағҳои махсуси ташкилотҳои буҷетӣ, грантҳо ва қарзҳо ба назар гирифта мешаванд.

Ғайр аз ин, ҳангоми таҳлили хароҷоти буҷети давлатӣ аз рӯи соҳаҳо бояд тамоми ҳаҷми маблағгузорӣ мутобиқи ҳадди ниҳоии хароҷоти соҳаҳо таҳлил карда шавад, инчунин ҳангоми таҳлил бояд гурӯҳбандиҳои хароҷоти буҷетӣ (вазифавӣ, иқтисодӣ, идоравӣ, барномавӣ ва гурӯҳбандӣ аз рӯи манбаъҳои маблағгузорӣ) истифода карда шавад.

# ХАРОҶОТИ БУҶЕТИ ДАВЛАТӢ АЗ РӮИ СОҲАҲО

Ҳангоми таҳлили хароҷотҳо пеш аз ҳама бояд ба натиҷаҳое, ки барои баланд бардоштани сатҳи некуаҳволии мардум равона гардидааст, диққат дода шавад.

Масалан дар соҳаҳои иҷтимоӣ, аз ҷумла маориф ва тандурусти

Масалан хароҷот барои таъмини кафолатњои кӯмаки ройгони тиббӣ, сохтмон ва барқарорсозии иншоотњои тиббӣ, инчунин хариди дастгоҳҳои тиббӣ ва доруворӣ

Масалан сохтмон ва таҷдиди шаклҳои гуногуни муассисаҳои таълимӣ, ба монанди кӯдакистонҳо, мактабҳо, муассисаҳои таҳсилоти олӣ, тарбияи мутахассисони баландихтисос, дастгирии иҷтимоии донишҷӯён ва ғайраҳо

Дар соҳаҳои

воқеии иқтисодиёт, энергетика, нақлиёт, кишоварзи

Маълумот дар бораи трансфертњои ҷудошуда бо назардошти тақсимоти ҳудудӣ ва самтҳои калидии он дар соли молиявӣ ва ду соли минбаъдаи он бо дарназардошти динамикаи тағирёбии онњо нисбат ба солҳои гузашта тањлил карда мешавад

**Ҳамчунин:**

**1. Маълумотҳо аз ҳисобот оид ба иҷроиши буҷет**

**2. Қарзи давлатӣ низ бо шарҳи мушаххас нишон дода мешавад.**

# Буҷетикунонии гендерӣ

- Бояд қайд намуд, ки яке аз самти асосии фаъолият оид ба **таъмини имкониятҳои баробар ва паст кардани нобаробарии иҷтимоӣ, ҷорӣ намудани буҷетикунонии гендерӣ** дар раванди буҷет мебошад, ки тӯли солҳои охир Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба шаффофият ва ҳисоботдиҳии буљет ҳамчун ҷузъи ҷудонашавандаи пешбурди ислоҳот дар соҳаи идоракунии молияи давлатӣ диққати махсус зоҳир намуда истодааст.

- Ин таҷрибаи нав аст, барои Ҷумҳурии Тоҷикистон. Алакай дар доираи Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2030 оид ба буҷетикунонии гендерӣ диққати махсус зоҳир гардидааст, ки ин заминаи бисёр муҳим ва устувор барои рушди он ба шумор меравад.

- Тақсимоти гендерии буҷет имкон медиҳад, ки то чӣ андоза даромад ва хароҷоти бучет, талаботи занон ва ҳам мардонро дар категорияҳои гуногуни иҷтимоӣ ва синну сол қонеъ мегардонад ва ба ин васила шаффофият ва ҳисоботдиҳии даромад ва хароҷот афзоиш ёфта, ба ноил шудан ба баробарии гендерии љомеа мусоидат менамояд.

- Ҳамин тариқ, барои пешниҳод намудани маълумот **аз рўи таќсимоти гендерї**, бояд механизми мукаммалнамудаи танзими гендерии (фарогирии соҳаҳои ҳуқуқӣ, ташкилӣ, иқтисодӣ ва инчунин ворид намудани нишондиҳандаҳои гендерӣ дар идоракунӣ, аз ҷумла **барномаҳо, лоиҳаҳо, нақшаҳо, баҳогузории фаъолияти тамоми вазорату идораҳо**), буљет, ки ба принсипҳои шаффофият ва дастгирии қонунгузорӣ дар шакли қабули қонунҳои дахлдор, **ба монанди қонун дар бораи ҳамроҳ кардани экспертизаи гендерӣ дар қабули қарорҳо дар ҳама сатҳҳо, стандартҳои иҷтимоӣ ва стандартҳои молиявӣ,** бо дарназардошти ҷавобгӯй будан бо унсури гендерӣ дар назар дошта мешавад.

# Буҷети шаҳрвандӣ дар сатҳи буҷетҳои маҳаллӣ

*(барои пешниҳод намудани маълумотњо, истифодаи воситаҳои гуногуни визуализатсияи тавсия дода мешавад)*

- НИШОНДИҲАНДАҲОИ АСОСИИ РУШДИ ИҚТИСОДИЮ - ИҶТИМОИИ ВИЛОЯТ/НОҲИЯ;
- ДАРОМАДҲО ВА ХАРОҶОТИ БУҲЕТҲОИ МАХАЛЛӢ, аз чумла:
  - Даромадҳо барои давраи миёнамуҳлат бо дарназардошти таҳлилҳои аник аз руи сарчашмахо ва динамикаи тағирёбии онҳо пешниҳод карда мешавад.
  - Хароҷотҳо бошанд, аз рӯи соҳаҳо тибқи гуруҳбандиҳои даромад ва хароҷоти буҷет, аз қабили вазифавӣ, иқтисодӣ, идоравӣ, минтақавӣ ва гурӯҳбандӣ аз рӯи манбаи маблағгузорӣ пешниход карда мешаванд.
- ИДОРАКУНИИ КАСРИ БУҶЕТҲОИ МАҲАЛЛӢ НИЗ БО ДАРНАЗАРДОШТИ МАНБАҲОИ ПУШОНИДАНИ ОН, МУШАХХАСАН НИШОН ДОДА МЕШАВАД;
- БУҶЕТИКУНОНИИ ГЕНДЕРӢ- АЗ РУИ ПРИНСИПҲОИ УМУМИ ВА ХУСУСИЯТҲОИ ХОСИ БУҶЕТҲОИ МАҲАЛӢ БОЯД АМАЛИ КАРДА ШАВАД;

Ин шакли тахлилхо ва пешниходи маълумотхо, метавонад раванди мураккаби бучетро содда ва омафахм намоянд.

# Тартиби таҳия ва нашри буҷети шаҳрвандӣ

- Буҷети шаҳрвандӣ аз ҷониби мақомоти ваколатдори давлатӣ, дар сатхи бучети давлати - Вазорати молия ва дар сатхи бучетхои махалли - Сарраёсати молияи вилояти Суғд, вилояти Хатлон, Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон ва шаҳри Душанбе, инчунин Раёсатҳои молияи шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ таҳия ва нашр карда мешавад;

- Тачриба нишон медихад, ки буҷети шаҳрвандӣ дар **давоми 30 рӯзи тақвимӣ** пас аз тасдиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар **сайти расмии мақомоти ваколатдор** бо забонҳои давлатӣ ва русӣ (нусхаи англисӣ низ афзалиятнок дониста мешавад) **ва инчунин дар ВАО нашр карда мешавад**.

- Дар сурати ворид гардидани **тағйиру иловаҳо** ба Қонун дар бораи Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дар натиљаи он ќисми даромад ва харољоти он **ба андозаи 10 фоиз ё зиёда аз он** нисбати наќшаи тасдиќшудаи солона таѓйир меёбад, тавсия дода мешавад, ки дар давоми **30 рӯзи тақвимӣ пас аз эътибор пайдо кардани санади** мазкур, буљети шањрвандї такмил ва бознашр карда шавад.

## Принсипҳои умумии Буҷети шаҳрвандӣ, ки дар раванди буҷет муҳим мебошанд:

- Ҳамаи намунаҳои (версияҳои) буҷети шаҳрвандӣ, ки ҳар сол интишор карда мешавад, бояд ба шаҳрвандон дар сомонаи расмии мақомоти ваколатдор дар дилхоҳ вақт дастрас бошад;
- Дар ҳолати мавҷуд набудани сомонаи расмии мақомоти ваколатдор дар сатҳи маҳаллӣ, буҷети шаҳрвандӣ дар васоити ахбори омма ва ё дар сомонаҳои мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳо бо мақсади огоҳ намудани аҳолӣ нашр карда мешаванд;
- Нашр намудан дар шакли коғазии китобча ё буклет, интишор ва паҳнкунии видео роликҳо оид ба Буҷети шаҳрвандӣ бо дарназардошти мавҷуд будани манбаи маблағгузорӣ амалӣ карда мешавад.
- Мӯҳтавои буҷети шаҳрвандӣ бояд **мухтасар, фаҳмо ва аз ҷониби шаҳрвандон бояд зуд қабул шаванда** бошад;
- **На дертар аз як моҳ пеш** аз интишори расмии **буҷети шаҳрвандӣ**, **пурсишҳо** оид ба муайян кардани маълумоти афзалиятнок барои шаҳрвандоне, ки дар Буҷети шаҳрвандӣ пешбинӣ мешавад, гузаронида мешавад;
- Таҳия намудани буҷети шаҳрвандӣ дар сатҳи **вазоратҳои соҳавии** Ҷумҳурии Тоҷикистон низ тавсия дода мешавад.

# Раҳмат ба диққататон !